ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Шаҳовудинов Нуридин Субҳонқулович дар мавзуи «Масъалаҳои ҳастӣ дар таълимоти метафизикии Ибни Сино» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори ҳабилитат аз рӯйи ихтисоси 6D020102 – Таърихи фалсафа. – Душанбе, 2026. – 391 с.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Диссертатсияи Шаҳовудинов Нуридин Субҳонқулович дар мавзуи **«Масъалаҳои ҳастӣ дар таълимоти метафизикии Ибни Сино»** ба таҳқиқи бунёдӣ ва ҳамаҷонибаи таълимоти онтологии Шайхурраис Абуалӣ ибни Сино дар заминаи таҳаввули таърихии фалсафаи машшоия ва анъанаи метафизикии ҷаҳонӣ бахшида шудааст. Мавзуъ ва муҳтавои рисолаи диссертатсионӣ ба паспорти ихтисоси илмии 6D020102 – Таърихи фалсафа ва самтҳои таҳқиқотии шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пурра мутобиқат мекунад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тезутунд гардидани буҳронҳои маънавию экзистенсиалии замони муосир, бозгашт ба сарчашмаҳои асили тафаккури фалсафӣ ва таҳқиқи мероси бузургтарин намояндагони ҳикмати классикии форсу тоҷик аҳаммияти хоссаи назариявӣ ва методологӣ касб менамояд. Метафизика (илоҳиёт дар мафҳуми васеи он) меҳвари низоми фалсафии Ибни Синоро ташкил дода, дар таърихи афкори фалсафии Шарқу Ғарб ҳамчун «бознигарии дувуми метафизика» эътироф гардидааст.

Мубрамияти таҳқиқоти мазкур пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки дар тӯли даҳсолаҳои мавҷудияти мактаби синошиносии давраи шуравӣ, бинобар маҳдудиятҳои идеологӣ ва бартарии равиши материализми диалектикӣ, таълимоти метафизикии Ибни Сино аксаран аз зовияи табииёт (фалсафаи табиат) тафсир шуда, масъалаи бунёдии он – «ҳастӣ аз он ҷиҳат, ки ҳастӣ аст» (мавҷуд бимо ҳува мавҷуд) ва тафовути онтологию мантиқии моҳият ва вуҷуд аз аҳаммият дур монда буд. Аз ин рӯ, таҳқиқи мустақилона, ғайриидеологӣ ва матнмеҳварии масъалаҳои ҳастӣ ва аразҳои зотии он дар осори асосии Ибни Сино дар муқоиса бо фалсафаи атиқа, илми калом ва дастовардҳои муосири синошиносии ҷаҳонӣ як кори саривақтӣ, муҳим ва дорои арзиши баланди илмӣ мебошад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд. Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки дар илми фалсафаи ватанӣ таълимоти метафизикии Ибни Сино на ба сурати ҷузъӣ ва пароканда, балки ҳамчун як низоми ягона ва мукаммали онтологӣ дар меҳвари

мақулаи бунёдии «ҳастии мутлақ» мавриди таҳлили герменевтикӣ ва муқоисавӣ қарор гирифтааст. **Ҷанбаҳои асосии навгонии илмии таҳқиқот ба таври зерин муайян карда шудаанд:**

- муайян карда шудааст, ки заминаҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва назариявии ташаккули метафизикаи Ибни Сино дар доираи синтези фалсафаи Юнони Бостон (Афлотун, Арасту, навафлотуния), мероси фикрии пешазисломӣ ва мубоҳисаҳои илоҳиётшиносии исломӣ (муътазила ва ашъария) сурат гирифта, нақши калидии Абунасри Форобӣ дар таснифи илмҳо, ташаккули забони фалсафӣ ва бартараф сохтани каҷфаҳмиҳо дар бораи мавзуи «Метафизика»-и Арасту пайванди ногусастанӣ доранд;
- асоснок карда шудааст, ки мақом ва сохтори метафизика ҳамчун «фалсафаи нахустин» ва «илми куллӣ» дар низоми таснифоти улуми назарии Ибни Сино мавзуи асосии ин илмро на исботи зоти Худо (ки яке аз масъалаҳои ниҳоии он аст), балки «ҳастии мутлақ» (мавҷуди мутлақ) ва се меҳвари он: аразҳои хоси ҳастӣ, мабодии илмҳои ҷузъӣ (риёзиёт ва табииёт) ва иртиботи олами имкон бо Мабдаи нахуст ташкил медиҳад;
- ошкор гардидааст, ки мафҳуми «ҳастӣ» дар таълимоти Ибни Сино дорои хусусияти фаромақулавӣ буда, аз ҷумлаи «иртисомоти аввалия»-и зеҳн маҳсуб меёбад ва бинобар надоштани ҷинсу фасли хос қобили таърифи мантиқӣ (ҳад ва расм) нест, балки таърифҳои мавҷуда танҳо вазифаи «танбеҳ» ва ишораро иҷро мекунанд;
- асоснок карда шудааст, ки табиати метафизикии «Воҷибулвуҷуд» дар муқоиса бо «имконулвуҷуд» бо ин вижагӣ тавсиф меёбад: дар он моҳият ва вуҷуд айни якдигар буда (вуҷуди маҳз), он аз тамоми таркибҳои моҳиятӣ, ҷинсию навъӣ, ҷавҳарию аразӣ ва ҳолатҳои билқуввагӣ пок ва мубарро мебошад;
- муайян карда шудааст, ки бар хилофи таълимоти арастуии мақулаҳои даҳгонаи бевосита ба худи ҳастӣ тааллуқ дошта, дар онтологияи Ибни Сино ҷавҳар ва нӯҳ мақулаи араз ба «моҳият» мансуб буда, «вуҷуд» ҳамчун маънии ягона ва фаромақулавӣ ба моҳиятҳо ориз мегардад;
- ошкор гардидааст, ки мақулаҳои «куллӣ ва ҷузъӣ» ҳамчун аразҳои хосси ҳастӣ дар робита бо се эътибори моҳият (моҳият аз ҳайси худаш, моҳият дар аъён ва моҳият дар зеҳн) таҳқиқ шуда, тафовути байни мафҳуми мантиқии «куллӣ» (дар зеҳн) ва мафҳуми онтологии «кулл» (маҷмуъ дар хориҷ), инчунин фарқияти мафҳуми «модда» дар метафизика ва табииёт заминаи воқеӣ доранд;

- асоснок карда шудааст, ки назарияи сабабияти Ибни Сино ва тақсими иллатҳо ба иллатҳои моҳиятӣ (моддӣ ва суварӣ) ва иллатҳои вуҷудӣ (фоилӣ ва ғойӣ), ҳамзамонии ҳастии иллати фоилӣ ва маълул, дар раванди гузариши ашё аз ҳолати билқувва ба билфеъл нақши ҳалкунанда мебозанд;

- муайян карда шудааст, ки пайванди мантиқии ҳикмати назарӣ ва ҳикмати амалӣ дар қисмати хотимавии метафизикаи Ибни Сино (таълимот дар бораи судур, нубувват, шариат, тадбири мудун ва манзил, адолат ва камолоти нафси нотиқа) ҳамчун ғояи ниҳоӣ ва мақсади олии фалсафаи ӯ ба шумор меравад.

Асосноки ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.

Бозёфтҳо ва хулосаҳои бадастомадаи диссертатсия мақоми воқеии таълимоти метафизикӣ ва ҳастишиносии мактаби машшоияи Шарқ, бахусус мероси беназири Абуалӣ ибни Синоро дар таҳаввули афкори фалсафии тоҷик ва ҷаҳонӣ ифшо намуда, бо таҳлили консептуалии ҷанбаҳои онтологӣ, маърифатӣ ва мантиқии онҳо, аҳаммияти ин таълимотро дар замони муосир равшан месозанд.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқот фаҳмиши моҳияти мафҳуми «ҳастӣ» ва шаклҳои гуногуни зуҳури онро васеъ гардонида, имкони таҳияи заминаи методологии омӯзиши масъалаҳои бунёдии онтология ва ғанӣ намудани ғояҳои пурмазмуни таърихи фалсафаро фароҳам меоранд. Дар ҳамин замина, муҳтавои муҳимтарини мафоҳими калидии фалсафӣ, аз қабили «ҳастӣ / вуҷуд», «моҳият», «воҷиб-ул-вуҷуд», «имкон-ул-вуҷуд», «ҷавҳар ва араз», «куллӣ ва ҷузъӣ», «иллат ва маълул» ва дигар мафҳумҳои метафизикӣ муайян ва равшан гардонида шудаанд.

Натиҷаҳои ба дастомада ҳамчун саҳми назариявӣ метавонанд барои баррасӣ ва таҳлили масъалаҳои марбут ба ҳастишиносӣ, омӯзиши осори файласуфон ва мутафаккирони барҷастаи форсу тоҷик, ҳамчунин барои дарки назарияҳои мактабҳои мухталифи фалсафӣ ва мубоҳисаҳои асримиёнагӣ истифода шаванд. Ин натиҷаҳо ҳамзамон тасаввуротро дар бораи муҳтавои масъалаҳои метафизикаи Сино тавсеа дода, ақидаҳои илмиро дар бораи иқтидори арзишҳои ақлонӣ ва фалсафии ҷомеа мушаххас месозанд ва барои фаҳмиши амиқтари раванди таҳаввули афкори илмиву фалсафӣ мусоидат менамоянд.

Маводи таҳқиқотӣ, инчунин, метавонад барои таҳия ва амиқ гардонидани мавзуъҳои мушаххаси курсҳои донишгоҳӣ дар самтҳои таърихи фалсафа, онтология ва назарияи маърифат, фарҳангшиносӣ ва мантиқ, ҳамчунин барои мутахассисоне, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни авиценноведение (синошиносӣ), масоили

маърифат ва мушкилоти марбут ба таърихи афкори фалсафӣ машғуланд, аҳаммияти амалӣ дошта бошад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ. Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсия бо интихоби устувори сарчашмаҳои бунёдӣ ва матнҳои аслии осори Абуалӣ ибни Сино, Форобӣ ва Арасту, истифодаи маводи илмии интишоротии фарогири пажӯҳиш ва баррасии онҳо дар шакли монография ва мақолаҳои илмии тақризшаванда тасдиқ мегардад. Миқдори зарурии маводи матнӣ ва манобеи синошиносии ватанию хориҷӣ ҷамъоварӣ ва коркард шуда, саҳеҳияти онҳо бо таҳлили консептуалӣ ва санҷиши манбаъҳои истифодашуда таъмин шудааст. Ақидаҳои илмии аз ҷониби диссертант пешниҳодгардида ва дар рисола баёншуда бо хулосаҳои пешвоёни илми синошиносӣ мувофиқат намуда, тасдиқи худро ёфтаанд. Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда бо роҳи таҳлилҳои амиқи илмӣ, герменевтикӣ ва муқоисавии афкори фалсафии асримиёнагӣ ва равишҳои муосир ба таври қатъӣ асоснок карда шудаанд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия

Диссертатсия аз мундариҷа, муқаддима, панҷ боб (дар маҷмуъ дувоздаҳ фасл), хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 391 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқ ва дараҷаи омӯзиши он дар синошиносии ватанию ҷаҳонӣ ба таври муфассал таҳлил гардида, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, заминаҳои назариявию методологӣ, сарчашмаҳо, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалӣ ва тасвиби натиҷаҳои кор баён шудаанд.

Дар боби якум, ки **«Заминаҳои иҷтимой, таърихӣ, фарҳангӣ ва сиёсии густариши фалсафа дар асрҳои миёна»** унвон дорад ва аз се фасл иборат аст, раванди интиқоли мероси илмию фалсафии бостон ба Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ ва ташаккули мактаби машшоия таҳқиқ шудааст. Аз ҷумла:

1. Дар фасли якум нақши марказҳои илмии Искандария, Антокия, Ҳаррон, Эдесса, Гунди Шопур ва «Байту-л-ҳикма»-и Бағдод дар тарҷумаи осори юнонӣ, суриёнӣ, паҳлавӣ ва ҳиндӣ ба забони арабӣ, инчунин муборизаи ғоявии ҷараёнҳои муътазила, асҳоби ҳаюло (Ибни Ровандӣ, Закариёи Розӣ) ва мутакаллимон баррасӣ гардидааст.

2. Дар фасли дуюм саҳми Абунасри Форобӣ дар таснифоти илмҳо («Эҳсо-ул-улум»), коркарди истилоҳоти фалсафӣ, тафсири муколамаҳои Афлотун ва

«Метафизика»-и Арасту ва ба ҳам оштӣ додани ҳикмати атиқа бо ҷаҳонбинии тавҳидӣ нишон дода шудааст.

3. Дар фасли сеюм сарчашмаҳои ғоявии метафизикаи Ибни Сино, таносуби унсурҳои арастуӣ, навафлотунӣ ва каломӣ дар таълимоти ӯ ва ҷойгоҳи метафизика («мобаъдуттабиа» ва «моқаблуттабиа») дар силсиламаротиби илмҳои назариву амалӣ таҳлил шудаанд.

Дар боби дуюм, ки **«Масъалаи ҳастӣ дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино»** ном дошта, ду фаслро дар бар мегирад, масъалаи меҳварии онтологияи файласуф ва таълимоти ӯ дар бораи Воҷибулвуҷуд мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Аз ҷумла:

1. Дар фасли якум моҳияти «ҳастӣ аз он ҷиҳат, ки ҳастӣ аст» (ҳастии мутлақ), се гурӯҳи масоили метафизика (аразҳои хосси ҳастӣ, мабодии илмҳои ҷузъӣ ва мабдаи нахуст) ва тақсими мантиқию онтологии ҳастӣ ба воҷиб, мумкин ва мумтанеъ (маъдум) шарҳ дода шудааст.

2. Дар фасли дуюм консепсияи Воҷибулвуҷуд ҳамчун иллати нахустин ва ғояти ниҳой, сифатҳои салбӣ ва эҷобии он, ягонагии зот ва вуҷуд дар он ва айнияти «ақл, оқил ва маъқул» ва «хайри маҳз» будани Воҷибулвуҷуд ба таври амиқ таҳлил гардидааст.

Дар боби сеюм, ки **«Имкон-ул-вуҷуд – консепсияи ҳастӣ: вуҷуд ва моҳият, ҷавҳар ва араз, кулл ва ҷузъ дар фалсафаи Ибни Сино»** унвон дорад ва аз се фасл иборат аст, сохтори ҳастии имконӣ ва категорияҳои бунёдии он таҳқиқ шудаанд. Аз ҷумла:

1. Дар фасли якум тафовути моҳият ва вуҷуд дар мавҷудоти мумкин, бадеҳӣ ва таърифнопазир будани мафҳуми ҳастӣ («иртисомоти аввалия»), таносуби мафҳумҳои «шайъ» (чиз) ва «мавҷуд» ва нақди ақидаҳои муътазила дар бораи «маъдуми собит» баррасӣ гардидааст.

2. Дар фасли дуюм мақулаҳои ҷавҳар ва нӯҳ категорияи араз (каммият, кайфият, изофа ва ғ.), панҷ навъи ҷавҳар (ҳаюло, сурат, ҷисми мураккаб, нафс ва ақл), камфаъол ва билқувва будани модда нисбат ба сурат ва тафовути сурати ҷисмия аз андозаҳои сегона (дар мисоли мум) таҳлил шудаанд.

3. Дар фасли сеюм масъалаи куллӣ ва ҷузъӣ, се тарзи эътибори моҳият (ба шарти ло-шайъ, ба шарти шайъ ва ло-ба-шарти шайъ), мақоми вуҷуди зеҳнӣ дар ташаккули мафҳуми куллӣ ва тафовути ҷинсу модда мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар боби чорум, ки «Назарияи сабабият, пешӣ (аввалӣ) ва сипасӣ (баъдӣ), ҳастии би-л-қувва ва би-л-феъл» ном дорад ва аз ду фасл иборат аст, динамикаи онтологӣ ва механизми таҳаввули ҳастӣ омӯхта шудааст. Аз ҷумла:

1. Дар фасли якум таълимоти Ибни Сино дар бораи чаҳор сабаб (моддӣ, суварӣ, фоилӣ ва ғойӣ), тақсими онҳо ба иллатҳои моҳиятӣ ва вуҷудӣ, фарқияти модда (билқуввa) аз сабаби моддӣ (билфеъл), ҳамзамонии иллату маълул ва бартарии моҳиятии иллати ғойӣ таҳлил гардидааст.

2. Дар фасли дуюм мақулаҳои тақаддум ва тааххур (пешӣ ва сипасӣ), таносуби қувва ва феъл, нақши ирода ва хосият дар гузариши ашё аз имкон ба воқеият ва робитаи билфеъл будан бо хайру камол баррасӣ шудааст.

Дар боби панҷум, ки «Назарияи офариниши олам: гузариш аз фалсафаи назарӣ ба амалӣ» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст, силсиламаротиби судури ҳастӣ ва анҷоми мантиқии метафизика дар фалсафаи амалӣ таҳқиқ гардидааст. Аз ҷумла:

1. Дар фасли якум назарияи судур (эманатсия), тафовути ҳаракати табиӣ ва ҳаракати даврии фалакӣ, нақши иштиёқ ва иродаи куллию ҷузъӣ дар ҳаракати афлок ва пайдоиши силсилаи ақлҳо, нуфус ва ҷирмҳои осмонӣ то олами зери моҳ шарҳ дода шудаанд.

2. Дар фасли дуюм гузариш аз ҳикмати назарӣ ба ҳикмати амалӣ, асосҳои метафизикии нубувват ва шариат, зарурати иҷтимоии қонунгузорӣ, тадбири шаҳр ва манзил, мақоми издивоҷ ва фазилати адолат ҳамчун воситаи расидан ба камолоти нафси инсонӣ ва саодати ақлонӣ таҳлил шудаанд.

Хулоса аз 13 банди муфассал иборат буда, дар он натиҷаҳои асосии таҳқиқот аз рӯйи тамоми бобҳо ва фаслҳои диссертатсия ба таври мантиқӣ ҷамъбаст гардидаанд ва пас аз он тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия. Аҳаммияти илмӣ ва назариявии диссертатсия дар он аст, ки натиҷаҳои бунёдии он холигиҳои мавҷударо дар омӯзиши мукаммали онтология ва метафизикаи Абуалӣ ибни Сино дар илми фалсафаи тоҷик ба таври шоиста пур намуда, дарки амиқу илмии категорияҳои бунёдии фалсафаи классикии Шарқро таъмин месозанд. Бозёфтҳои назариявии ин пажуҳиш барои таҳқиқи минбаъдаи масоили ҳастишиносӣ ва арзёбии мероси фалсафии асримиёнагӣ заминаи устувори методологӣ фароҳам меоранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки мавод, таҳлилҳо ва хулосаҳои онро метавон дар ҷараёни таълифи монографияҳо, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ васеъ истифода бурд. Натиҷаҳои мазкур ҳамчунин барои таҳия ва

пешбурди курсҳои лексия ва семинарӣ аз фанҳои «Таърихи фалсафа», «Онтология ва назарияи маърифат», «Таърихи фалсафаи тоҷик» ва курсҳои махсуси синошиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва пажуҳишгоҳҳои илмию академӣ аҳаммияти бевоситаи амалӣ доранд.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 1 монография («Метафизикаи Ибни Сино». – Душанбе, 2021. – 252 с.) ва 20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 16 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва 4 мақола дар маҷмуаҳои илмӣ ва маводи конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба табъ расидаанд, ки мундариҷаи асосии рисоларо пурра инъикос менамоянд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсия дар маҷмуъ мувофиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст. Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, мундариҷа ва хулосаҳои асосии таҳқиқро дар бар гирифта, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

9. Камбудиҳо ва эродҳо

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур ва автореферати он баъзе камбудиҳои консептуалӣ, методологӣ, ҳолатҳои баҳсталаб ва ғалатҳои техникию таҳрирӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Муаллиф дар муқаддима, матни асосии диссертатсия ва автореферат ҳангоми таҳлили мақоми «ҳастии зеҳнӣ» ва тасдиқи маонӣ дар нафс борҳо қайд мекунад, ки назари Ибни Сино дар ин масъала ба андешаи «идеалистони субъективӣ» шабоҳат дорад ва ё дар фасли 5.2 онро мустақиман «назари идеализми субъективии Сино» (с. 174) меномад. Аз дидгоҳи методологияи таърихи фалсафа, чунин тавсиф баҳсталаб ва ғайридақиқ аст: Ибни Сино реалисти метафизикӣ ва объективӣ буда, мавҷудияти Воҷибулвуҷуд, уқули муҷаррад ва ҷавҳарҳои олами хориҷро комилан мустақил аз зеҳни инсон медонад. Таваҷҷуҳи ӯ ба «вуҷуди зеҳнӣ» ва «маъқулоти сония» хусусияти мантиқӣ-эпистемологӣ доштa, маънои инкори воқеияти объективии олами берунаро (чунонки дар идеализми субъективии замони нав дида мешавад) надорад.

2. Дар зерфасли 1.3 ва боби панҷуми диссертатсия муаллиф ҳангоми баррасии гузариши Ибни Сино аз ҳикмати назарӣ ба ҳикмати амалӣ (масъалаҳои нубувват, шариат ва сиёсат) изҳори шубҳа мекунад, ки шояд ин бахш пурра ба қалами Ибни Сино тааллуқ надошта бошад. Чунин фарзиягузорӣ дар сатҳи рисолаи докторӣ далелҳои дақиқи текстологӣ ва дастхатшиносиро тақозо мекунад, зеро дар синошиносии ҷаҳонӣ асолати мақолаи даҳуми «Илоҳиёт»-и «Шифо» ва фаслҳои ҳаммазмуни он дар «Наҷот» комилан собит шудааст ва худи муаллиф низ нуктаи ҳаштуми ҳимояро маҳз дар асоси ҳамин бахш бунёд намудааст.

3. Дар муқаддимаи диссертатсия ва бахши тоҷикии автореферат «объект» ва «предмет»-и таҳқиқ тақрибан бо як ибора («масъалаи ҳастӣ дар таълимоти метафизикии Ибни Сино» с. 16) ифода гардидаанд (ҳарчанд дар матни русии автореферат объект дурусттар ҳамчун «фалсафаи Ибни Сино» нишон дода шудааст). Инчунин, дар бахши «Навгонии илмии таҳқиқ» истифодаи ибораи мутлақи «бори нахуст» нисбат ба таҳлили масъалаи моҳияту вуҷуд ва сабабҳои чаҳоргона ба таҳрири дақиқтар ниёз дорад, зеро худи муаллиф дар бахши «Дараҷаи омӯзиши мавзуъ» саҳми бузурги академик М. Диноршоев ва дигар синошиносонро дар таҳқиқи ин мақулаҳо ба таври муфассал зикр кардааст.

4. Дар фаслҳои 1.1 ва 1.2 ҳангоми тасвири заминаҳои таърихии густариши фалсафа якчанд иштибоҳи таърихӣ роҳ ёфтааст: аз ҷумла, дар саҳ. 36 пайдоиши динҳои яҳудият ва масеҳият ба шаҳри Искандария нисбат дода шудааст (Чаро ин баҳсталаб аст? Динҳои яҳудият ва масеҳият дар Искандария пайдо нашудаанд (пайдоиши онҳо бо сарзамини Фаластин ва Ховари Миёна (асрҳои II-I и то м.) иртибот дорад). Дар Искандария танҳо раванди таҳлил ва синтези илоҳиёти ин динҳо бо фалсафаи юнонӣ (эллинӣ ва навафлотунӣ) ба вуқуъ омадааст. дар ҳоле ки сухан бояд дар бораи синтези илоҳиёти ин динҳо бо фалсафаи юнонӣ дар Искандария равад); дар саҳ. 40 пазироии файласуфони дар соли 529 мелодӣ аз Афина ба Эрон ҳиҷраткарда ба шоҳи сосонӣ Ардашер (асри III м.) нисбат дода шудааст ва диссертант ин маъниро аз китоби "Таърихи илм дар тамаддуни исломӣ"-и Забеҳулло Сафо (2006) иқтибос овардааст. Чаро ин нукта баҳсталаб аст? Дар ҳамон саҳифа ишора меравад, ки Шоҳи сосонӣ Ардашери Бобакон дар асри III (солҳои 224–241 м.) ҳукмронӣ кардааст, вале ӯ ҳеҷ гоҳ соли 529 мелодӣ ҳузур дошта наметавонист. Дар асри VI (соли 529 м.) шоҳи Сосонӣ Хусрави I Анушервон (531–579 м.) буд, ки файласуфони юнониро қабул кардааст. Фарқияти замонӣ тақрибан 300 сол аст ва дар асл Хусрави I Анушервон дар асри VI м.); инчунин дар саҳ. 41 солҳои зиндагии

халифа Ҳорунаррашид иштибоҳан (864–925) нишон дода шудаанд, ҳол он ки ӯ солҳои (763—809) умр ба сар бурдааст. Диссертант ин нуктаро ҳам аз китоби "Сайри фалсафа дар ҷаҳони ислом"-и М.Фахрӣ иқтибос кардааст.

5. Дар матни диссертатсия ва рӯйхати интишороти диссертатсия беш аз 80 маротиба таркиби «Ибни Ибни Сино» такрор шудааст; дар навишти номҳои файласуфони атиқа ва муҳаққиқони ғарбӣ ягонагии имлоӣ риоя нагардидааст (масалан: «Ойкладос» ба ҷойи «Евклид», «Ал кибид» ба ҷойи «Алкивиад», «Етинне Гилсон» ба ҷойи «Этйен Жилсон»).

6. Ғайр аз ин, қисмати русии автореферат ба таҳрири ҷиддии забонӣ ва истилоҳӣ ниёз дорад, зеро бар асари тарҷумаи техникӣ баъзе мафҳумҳо ғалат тарҷума шудаанд (аз ҷумла, тарҷумаи «фалсафаи Сино» ҳамчун «китайская философия». Дар бахши русии «Этап, место и период исследования» чунин омадааст: «С 2013 года, работая на кафедре философии Национального университета Таджикистана, я занимался исследованиями онтологических вопросов китайской философии. С 2014 года статьи по китайской философии публиковались в журналах...» (с.79). Тарҷумони мошинӣ калимаи «Сино» - ро ҳамчун пешванди байналмилалии «Sino-» (марбут ба Чин / китайский) фаҳмида, «фалсафаи Сино»-ро «китайская философия» тарҷума кардааст.

Асари «Рисолаи саргузашт» (Автобиография / Жизнеописание)-и Ибни Сино дар матни русӣ «Трактат о приключениях» (с. 94) тарҷума шудааст.

Мафҳуми «Асҳоби ҳаюло» дар матни русӣ гоҳ «братья материи» ва гоҳ «сторонники материи» (с. 117) омадааст.

Истилоҳи Сино «иртисомоти аввалия» (первичные запечатления / первичные понятия) ҳамчун «первичное отношение» ва мафҳуми «танбеҳ» (указание, напоминание) дар нуктаи 3-юми ҳимоя ҳамчун «упрек» (сарзаниш) тарҷума шудааст.

Дар тарҷумаи русии матнҳои илмию фалсафӣ ва иқтибосҳои Ибни Сино калимаи форс-тоҷикии «ситабр» (ки маънояш *ғафсӣ, бар, умқ* ё ба русӣ *толщина, глубина объемное измерение* мебошад) бояд мувофиқи истилоҳоти дақиқи метафизикӣ ва физикии Арасту ва Ибни Сино "трехмерное явление глубины» тарҷума шавад, на ҳамчун «треугольник» (секунҷа) (с. 92, 105).

Дар нуктаи 7-уми ҳимоя (матни русӣ) ба ҷойи «целевая причина» (сабаби ғойӣ) иштибоҳан «материальная причина» (С.75, 86, 107, 120) навишта шудааст: «Материальная причина, как благо, имеет общность с необходимо-сущим...», ки мазмуни фалсафии ҷумларо комилан вайрон мекунад.

Дар тавсифи назарияи судур ибораи «касрати ақлҳо» (множественность разумов) ба забони русӣ «дефицит разума» (камбуди ақл) (С.111) тарҷума шудааст.

Дар тавсифи Боби 3 истеъдод ва офарандагии модда ҳамчун «талант и творчество» (с.101) тарҷума шудааст. Барои ин мафҳумҳо бояд вожаҳои илмии «потенциальность» (ё способность к восприятию формы), «возможность» ва «материальная восприимчивость» истифода шаванд,

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои илмии кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Хулосаи умумӣ

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Шаҳовудинов Нуридин Субҳонқулович дар мавзуи **«Масъалаҳои ҳастӣ дар таълимоти метафизикии Ибни Сино», ки аз рӯйи ихтисоси 6D020102 – Таърихи фалсафа** пешниҳод гардидааст, як асари мукаммали илмӣ-таҳқиқотӣ буда, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расидааст ва ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он – Шаҳовудинов Нуридин Субҳонқулович сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори ҳабилитат аз рӯйи ихтисоси 6D020102 – Таърихи фалсафа мебошад.

Муқарризи расмӣ: доктори
илмҳои фалсафа, дотсент,
мудири кафедраи фанҳои ҷамъиятии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон _____Каримӣ А. А.
«11» _____11_____ соли 2026
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17,
бинои 1 Тел.: (+992) 92 770 61 31
E-mail: aslam73@list.ru

Имзои д.и.ф., дотсент Каримӣ А. А.- ро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрхо
ва корхои махсуси ДДҲБСТ _____Бобоев А. Х.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШЪУБАИ КАДРХО ВА КОРХОИ МАХСУС

Суроғаи муассиса: 735700,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1.
Тел.: (+992 3422) 2-38-11
E-mail: info@tsulbp.tj «11» _____11_____ соли 2026